ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 631.31:631.372.3

РАҲМАТЗОДА ШАҲОБУДДИН ЗУВАЙДУЛЛО

АСОСНОКСОЗИИ МУШАХХАСОТҲО ВА РЕҶАҲОИ КОРИИ МОШИНОЛОТИ МУШТАРАКИ КМИС-1,8 БАРОИ КОРКАРДИ ХОК ДАР БОҒҲОИ ИНТЕНСИВӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D072400 – Мошинҳои технологӣ ва таҷҳизотҳо (6D072412 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур) иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Мироқилов Ҷамшед Ҳамзаевич,** номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муқарризони расмӣ: **Ғафоров Абдулазиз Абдуллофизович,** доктори илмҳои техникӣ, котиби илмии шуъбаи илмҳои физика, математика, химия, геология ва техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Рузимуродов Абдуғафор Абдусаторович, номзади илмҳои техникӣ, декани факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии Донишкадаи байналмилалии Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд».

Ҳимояи диссертатсия санаи «14» августи соли 2026, соати 09^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-085 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, бо нишонии 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, бинои факултети механикониии кишоварзӣ, ауд. 1 баргузор мегардад. E-mail: moshinho-1946@bk.ru, тел.: (+992) 935133535.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва сомонаи www.tajagroun.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____»_____соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ **Бобозода Б.Б.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, ки дар соҳаи аграрӣ мошинҳо ва мошинолотҳои такмилдодашуда ва нав истифода карда шаванд. Аз ин хотир, масъалаи тарҳрезӣ ва кор карда баромадани мошинҳо ва олотҳои кории онҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ҳамоно шадид мемонад.

Технологияҳо ва мошинолотҳои коркарди таркиби хоки боғҳои Тоҷикистонро таҳлил намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки асосан, воситаҳои техникии олоти кориашон ғайрифаъол ба таври васеъ истифода шуда истодаанд, ки ин боиси иҷрои амалиётҳои технологии иловагӣ шуда истодааст. Истифодабарии техникаҳо барои якчанд равандҳои технологӣ дар алоҳидагӣ ба таркиби хок таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, ҳаракати бисёркаратаи ҳар як агрегат, ки дар реҷаи кашиши механикӣ кор мекунад, қабати хокро зич намуда, ба хусусиятҳои физикию механикии хок таъсири манфӣ мерасонад.

Аз таҳлили масаъалаҳои болозикр мо ба хулосае омадем, ки ҳалли чунин норасоиҳо ҳангоми истифодашавии воситаҳои техникии муштараки олотҳои кориашон фаъол, хосатан, бо хокрандаҳои ротатсионӣ бартараф карда мешаванд. Зеро чунин агрегатҳои мошину тракторӣ дар як гашти корӣ якчанд равандҳои технологиро иҷро намуда, метавонанд нишондиҳандаҳои муносиби сифати коркарди сатҳи болоии хокро дар боғҳои интенсивии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

Маҷмуи омилҳои овардашуда барои коркарди хоки дохили боғҳои интенсивӣ тасдиқи он аст, ки баланд бардоштани самаранокии кори мошинолотҳои муштараки коркарди хок бо асосноксозии мушаххасотҳои кориашон вазифаи бағоят муҳимми илмӣ-амалӣ буда, мақсади таҳқиқотҳои мазкурро ифода менамоянд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Солҳои охир ҳар чи бештар дар истеҳсолот ҷоришавии мошинолотҳои олотҳои кориашон фаъоли коркарди хок бо мақсади амалишавии технологияҳои энергиясарфакунанда ба назар мерасад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ олимон кӯшиш намуда истодаанд, ки ҳар чи бештар ихтирои мошинҳои кишоварзии муштаракро барои дар як гашт иҷро намудани якчанд равандҳои технологӣ пайгирӣ намоянд. Қайд кардан зарур аст, ки мошинолотҳои мухталифи олотҳои кориашон гуногуни металлоғунҷоишашон калону

сохти конструктивиашон мураккаб тарҳрезӣ ва сохта шуда истодаанд. Бисёр олимон ҳаракат доранд, ки тарзҳои нави коркардро ихтироъ намоянд, то ки барои аз эрозияшавӣ нигоҳ доштани хок, беҳтар шудани ҳосилхезӣ ва кам гардидани харочотҳои меҳнатӣ ва дар ниҳоят натиҷаҳо ба коҳиш додани сарфи материалҳо, меҳнат ва молиявӣ мусоидат намоянд.

Дар боғҳои интенсивӣ яке аз равандҳои асосии технологӣ коркарди сатҳи болоии хоки байни дарахтон ба ҳисоб меравад. Барои ин нисбат ба олотҳои кории ротатсионӣ, махсусан хокрандаҳо, бартарӣ дода мешавад. Истифода бурдани мошинолоти зикршуда аз ҳисоби андозаҳои мувофиқ ва сарфи ками сӯзишворӣ доштанаш дар заминҳои на он қадар калони хоҷагиҳои фермерӣ низ самаранок ба ҳисоб меравад.

Дар муҷтамаи агросаноатӣ хокрандаҳое истеҳсол мекунанд, ки дар намуди тири даврзанандаашон уфуқӣ ва ё амудӣ амалиётҳои технологии коркарди хокро иҷро менамоянд. Чунин хокрандаҳо бари фарогирии калон ва металғунҷоиши зиёд дошта, истифодабарии онҳо барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ ғайриимкон аст.

Талаботҳои технологии коркарди хоки байни қаторҳои дарахтони боғҳоро таҳлил намуда, қарор дода шуд, ки барои иҷрои чунин корҳо дар боғҳои интенсивии мевадиҳанда сохти мошинолоти алоҳида тарҳрезӣ ва такмил дода шаванд.

Нисбати мошинолотҳои коркарди хок, ки олотҳои кории фаъол доранд, як қатор олимон таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ иҷро намудаанд, аз ҷумла К.А. Манаенков [7], Н.И. Ҷабборов [3], В.А. Шмонин [11], Д.Н. Ефимов [4], В.Ф. Купряшкин [6], В.И. Медведев [8], А.В. Алёхин [1], М.Н. Чаткин [10], Ф.М. Канарёв [5], Б.Р. Аҳмадов [2], Ҷ.Ҳ. Мироқилов [9] ва дигарон мебошанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқотҳои зикргардида на ҳамаи мушаххасотҳои олотҳои корӣ (кордҳо), энергоғунҷоиш ва сифати кори хокрандаҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба ин хотир, тавсеаи таҳқиқот дар ин самт ба хотири беҳтар намудани сифати нигоҳубини боғҳои интенсивӣ дар шароити Тоҷикистон зарур шуморида мешавад.

Бо дарназардошти дараҷаи таҳқиқот дар пойгоҳи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур), таҳқиқот оид ба тарҳрезӣ ва кор карда баромадани усулҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии технологияи парвариши дарахтони боғҳои мевадиҳандаи интенсивӣ ба роҳ монда

шуд.

Дар ин радиф мошинолоти муштараки коркарди хок барои боғҳои интенсивӣ бо бари фарогирии 1,8 метр бо тамғаи шартии КМИС-1,8 **(**комбинированная почво-обрабатывающая машина для интенсивных садов с шириной захвата 1,8 м. Нахустпатент № TJ 904 аз 07.02.2018 с.) барои муштарак коркард намудани хоки байни қатори дарахтон дар боғҳо, ворид намудани нурии менералӣ, нест кардани алафҳои бегона, кашидани ҷӯяк ва пошидани гербитсит ихтироъ ва намунаи таҷрибавиаш сохта шуд.

Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ. Кори диссертатсионии мазкур бо назардошти нақша-чорабиниҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи мавзуи «Тарҳрезӣ ва асосноксозии мушаххасотҳои кории мошинолоти муштарак барои коркарди хоки байни қатори дарахтони мевадиҳандаи боғҳои интенсивӣ» (аз 13.02.2016 с.) ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2015, №793 дар бораи «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», “Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 (аз 01 октябри соли 2024, №521)” иҷро карда шудаанд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот аз баланд бардоштани самаранокии коркарди сатҳи болоии хок бо роҳи такмилдиҳии сохти мошини муштараки коркарди хок (КМИС-1.8) ва мушаххасотҳои кори хокрандаи ротатсионӣ барои коркард ва фароҳам овардани шароити муносиби таркиби хок дар боғҳои интенсивӣ иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- асосноксозии схемаи конструксионӣ-технологии олотҳои кории ротатсионии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хоки байни қаторҳои дарахтони мевадиҳандаи боғҳои интенсивӣ;

- тарҳрезии амсилаи математикии таъсири мутақобили олотҳои кории ротатсионии такмилдодашудаи бо хок, ки барои ҳисоб кардани қувва, хароҷоти энергия ва таъмини сифати резамайдашавии хок мусоидат менамояд;

- такмилдиҳии конструксия ва схемаи технологии олотҳои кории ротатсионии коркарди хок (тарҳи геометрии кордҳо,

алоқамандии кинематикии батареяҳо, нишондодҳои интиқолдиҳандаи занҷирӣ);

- тарҳрезии методика ва озмоишҳои лабораторӣ-саҳроӣ барои муайян кардани мушахассотҳои муносиби конструксионӣ ва реҷаҳои кории мошинолоти такмилдодашуда (чуқурии коркард, суръат, λ-нишондодҳои кинематикӣ, таносуби интиқоли ҳаракат *i*);

- гузаронидани озмоишҳои саҳроии олоти кории ротатсонӣ (нахустпатент № TJ 904 от 07.02.2018 с.) ва қиёс кардани натиҷаҳо бо ҳаммонандҳои ватанию хориҷӣ, баҳодиҳии энергетикӣ ва самаранокии агротехникӣ, тасдиқи мақсаднокии истифодашавӣ дар шароити боғҳои интенсивии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот. Ба сифати объекти таҳқиқот агрегати мошину трактории ЮТОХ904+КМИС-1,8 барои коркарди хоки байни қатори боғҳои интенсивӣ интихоб шудааст.

Мавзуи таҳқиқот. Мазмуни таҳқиқотро ҷараёни технологии коркарди хок, олотҳои кории коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ ва қонуниятҳои амалкард (ҳаракат) дар бар мегирад.

Методикаи таҳқиқот. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқотҳо аз методҳои баҳодиҳии назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо истифода кардааст. Натиҷаҳои озмоишҳо тавассути методҳои математикии статистикӣ дар компютер бо истифода аз барномаҳои литсензиядоштаи Microsoft Excel, Матлаб, Statistica коркард шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

-асосноккунии қонуниятҳои таъсири мутақобили олоти кории ротатсионии мошини муштараки КМИС-1.8 бо сатҳи болои хок;

-муайянсозии вобастагии сифати хоки коркардшуда тавассути мошини муштараки КМИС-1.8 аз нишондодҳои кинематикии олоти кории ротатсионӣ;

- кор карда баромадани амсилаи математикӣ ва методикаи ҳисоб кардани мушаххасотҳои конструктивӣ ҳангоми такмил додани олотҳои корӣ ва реҷаҳои технологии кори онҳо.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммиятнокии назариявӣ аз такмилдиҳии методикаи баҳодиҳии мушаххасотҳои конструктивӣ-технологии олотҳои кории ротатсионӣ иборат аст. Инчунин, вобастагии нишондодҳои назариявии сифати коркарди хок аз нишондодҳои конструктивии олотҳои кории мошини муштараки

КМИС-1,8 муайян карда шудаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Аҳаммиятнокии амалии таҳқиқот – тарҳрезӣ, такмилдиҳӣ ва асосноксозии мушаххасотҳои муносиби сохти конструктивии мошинолоти муштараки КМИС-1,8, ки камшавии хароҷотҳои энергетикиро барои ҷараёни технологии коркарди хоки байни қатори дарахтони боғҳои интенсивӣ таъмин менамояд, нахустпатент №TJ 904 аз 07.02.2018 с.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

-асоснокии истифодашавии олотҳои кории ротатсионии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ;

- натиҷаҳои коркард ва таҳлили таҳқиқотҳои назариявию таҷрибавии ҷараёни технологии коркарди хок;

- натиҷаҳои муайянсозии мушаххасотҳо ва реҷаҳои кории муносиб, барои оқилона кор кардани агрегати мошину трактории ЮТО-Х904+КМИС-1,8 ва баҳодиҳии самаранокии истифодабарии он.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Дар натиҷаи таҳқиқотҳо таҷрибаҳои илмии зиёд гузаронида, ҳаҷми зиёди натиҷаҳо ба усули оморӣ коркард шуда, маълумотҳо ва интишоротҳо ба даст оварда шуд, ки дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Таҳқиқотҳои гузаронидашуда дар асоси методҳои назарияи механика, мустаҳкамии масолеҳ ва физикаи хок, инчунин тартиби математикаи статистикӣ (таҳлилҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ, тафтишҳои маҳакӣ бо қоидаҳои Фишер ва Стюдент) иҷро карда шудаанд. Ҳамаи ҳисобҳои вобастагӣ бо таҳлилҳои андозакунӣ (ченкунӣ) тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаи таҳлилҳои истеҳсолии кори мошинолоти КМИС-1,8 нисбат ба нишондодҳои воситаҳои техникии анъанавӣ нишон дод, ки камшавии хароҷоти сӯзишворӣ то 24%; зиёдшавии дараҷаи резамайдашавии хок то 46%; зиёдшавии чуқурии коркард то 98% таъмин шавад.

Таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ имкон дод, ки хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо пешниҳод шаванд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқотҳои мавзуъ ва мазмуни диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 6D072412 - Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ мувофиқат менамояд: банди 1. Омӯзиши хосиятҳои маводу масолеҳи кишоварзӣ, маҳсулоти зироат ва чорво ҳамчун объекти коркард

(таъсири технологӣ), интиқол, нигоҳдорӣ; банди 2. Коркарди назария ва усулҳои таъсири технологӣ ба муҳити зист ва объектҳои (хок, наботот, ҳайвонот, ғалла, шир ва ғайра) истеҳсолоти кишоварзӣ; банди 5. Коркарда баромадани усулҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии равандҳои истеҳсолот, истифодаи агрегатҳо, звеноҳо, комплексҳои технологӣ ва хатҳо (линии)-и истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани шароити бехавфу муътадили меҳнат, риояи талаботи муҳофизати меҳнат; банди 6. Омӯхтани шароити кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, агрегатҳо, ҷузъҳои алоҳидаи корӣ ва дигар воситаҳои механиконии равандҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи сӯзишвории алтернативӣ; банди 7. Коркарда баромадани усулҳои муносибкунонии параметрҳои лоиҳавӣ ва реҷаҳои кори системаҳо ва воситаҳои техникии зироаткорӣ ва чорводорӣ аз рӯйи меъёрҳои самаранокӣ ва сарфаи захираҳо (ресурсҳои)-и равандҳои технологӣ.

Ҳамин тавр, мазмуни диссертатсия ҳамаи самтҳои асосии таҳқиқотҳои илмиро, ки шиносномаи ихтисос 6D072412 - Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ пешбинӣ намудааст, дар бар мегирад. Бо назардошти мазмун, услубҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада, диссертатсия пурра ба талаботҳои КОА нисбати диссертатсияҳои ихтисоси интихобкардашуда мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Муаллиф дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намуда, вазифаҳои илмиро мақсаднок таҳия намуда, тавсия, қоидаҳои асосии назариявӣ ва амалиро мақсаднок тарҳрезӣ намудааст. Ҷиҳати асосноксозии зарурияти гузариш аз олотҳои кории ғайрифаъол ба истифодабарии мошинолотҳои муштараки олоти кориашон фаъолро барои коркарди хоки байни қатори дарахтони боғҳои интенсивии мевадиҳанда вазифагузорӣ намудааст. Мустақилона ва нуқтагирона зиёда аз 150 сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷиро тафсиру хулосабарорӣ намуда, сохти конструктивии мошинолотҳои коркарди хокро тасниф, маҳдудиятҳои агрономӣ ва энергетикии онҳоро маълум намуда, барои интихоби самти таҳқиқот асос гузоштааст.

Вобастагиҳои аналитикии мутақобили олотҳои кории ротатсионирро бо хок, бо назардошти баробар (дар як вақт) расидани таъсири реҷаи «бозdорӣ – андармоншавӣ» муайян намудааст. Формулаҳоро барои ҳисоб кардани муқовимати кашиши нисбӣ, тавоноии хокранда ва нишондодҳои сифатии резамайдашавии хок

дарёб намуда, амсилаҳоро дар муҳити Excel ва MATLAB иҷро кардааст. Муаллиф ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ва нақшаҳои кории мошинолотро тартиб дода, барои дар шароити устохонаи таълимӣ-истеҳсолии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур сохтани намунаи таҷрибавии мошинолоти лоиҳа мусоидат ва иштирок намудааст. Нақшаи озмоишҳои лабораторӣ-саҳроиро мувофиқи талаботҳои ГОСТ 20915-202 ва ОСТ 70.4.2-80 тартиб додааст. Дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ-саҳроӣ иштирок намуда, андозагирию ченкунии нишондод ва мушаххасотҳо (намнокӣ, сахтию зичӣ, муқовимати кашиш, хароҷоти нисбии сӯзишворӣ, дараҷаи резамайдашавии хок)-ро бо истифода аз пенетрометри DICKEY-John, тахометр, асбоб барои муайян кардани хароҷоти сӯзишворӣ ДРТ-ЛСХИ ва ғ. иҷро кардааст. Нишондодҳои техникӣ-иқтисодии агрегат низ ҳисоб ва муайян карда шуданд.

Ҳамаи маводҳои баёнкардашуда, аз ҷумла ҳисобҳо, схема ва нақшаҳо, графикҳо, хулоса ва пешниҳодҳоро шахсан муаллиф тартиб дода, ҳимоя намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Намунаи таҷрибавии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 озмоишҳои истеҳсолиро дар боғҳои интенсивии Институти зироаткорӣ ва Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механикони кишоварзии назди АИКТ дар шаҳраки Шарораи шаҳри Ҳисор гузаштааст.

Маводҳои таҳқиқот инчунин дар ҷараёни таълимии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур истифода шуда истодаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои гуногун баррасӣ ва маъқул дониста шудаанд. Аз ҷумла: конференсияи илмӣ-амалии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур дар мавзуи «Ҷавонон ва инкишофи технологияҳои инноватсионӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2 ноябри соли 2017; конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илм ва инноватсия дар асри XX1», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 04 феврали соли 2017; конференсияи байналмилалии олимони ҷавон дар мавзуи «Технологияҳои инноватсионӣ ва воситаҳои техникӣ дар КАС», Донишгоҳи давлатии аграрии ш. Воронеж ба номи Петри 1, ш. Воронежи ФР, 24 октябри соли 2017; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Самаранок истифодашавии омилҳои биоиқлимӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 20

декабри соли 2018; конференсияи илмӣ-амалии омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзуи «Инноватсия, роҳ ба давраи тараққии комплекси агросаноатӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 27 сентябри соли 2019; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тараққиёти инноватсионии комплекси агросаноатӣ дар шароити дигаргуншавии глобалии иқлим – ҳолати замона, масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 17 марти соли 2019; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши илми муҳандисӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, масъалаҳои ҳалталаб ва тараққии соҳа», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 29 сентябри соли 2020; конференсия илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Такмилдиҳии ҷараёнҳои хизматрасонии техникӣ ва таъмир барои таъминшавии эътимоднокӣ ва самаранок истифодашавии парки мошину тракторӣ» ба муносибати 30-солагии иҷлосия 16-уми Шурои Олӣ, рӯзи Президент ва Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, соли 2022; конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии барои истифодашавии энергияи сабз ва мошинолотҳои сарфакунандаи энергия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 04 ноябри соли 2023; конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ аз ҳисоби технологияҳои энергиясарфакунанда ва бо тарзи худкор (автоматӣ) идоракунии ҷараёнҳои корӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ш. Душанбе, 09 ноябри соли 2024.

Интишори натиҷаҳои таҳқиқот. Аз рӯйи мавзуи илмии мазкур 14 мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки аз онҳо 6 ададаш дар нашрияҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, инчунин 8 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои сатҳи гуногун, 1 нахустпатенти ихтироотӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, № TJ 904 аз 07 феврали соли 2018 барои ихтирои «Мошинолоти муштараки КМИС-1,8 бо олоти кории ротатсионӣ барои коркарди хоки қитъаҳои байни қаторӣ дар боғҳои интенсивӣ» дастрас гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Мазмуни диссертатсияи мазкур аз муқаддима, панҷ боб, хулосаҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо шумораи 152 номгӯй, 11 замима иборат буда, дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шуда, 46 расм ва 14 ҷадвалро дар бар мегирад.

МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи рисола шарҳ ёфта, ҳолати кунунӣ ва мақсаду ҳадафҳои рисола баён гардида, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, натиҷаҳои асосии илмии ҳимояшаванда пешниҳод карда шудааст. Аз тарафи муаллиф вазифаҳо тартиб дода шуда, ҳалли онҳо нишон дода шудааст. Инчунин, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ишора шуда, натиҷаҳо ва муқарраротҳои илмӣ дарҷ гардидааст.

Дар боби аввали рисола баррасии адабиёт дар бораи шароити кори агрегатҳои мошину трактор ва таҷҳизоти техникӣ, ки барои коркарди хок дар боғҳои интенсивӣ истифода мешаванд, анҷом дода шудааст. Таҳлили мошинолотҳои мавҷудбудаи коркарди хоки замини боғҳои интенсивӣ гузаронида шуда, гузариш ба мошинолотҳои олотҳои кории фаъол асоснок ва пешниҳод гардидааст.

Дар боби дуюм мушаххасотҳои асосноккардашудаи конструктивӣ ва технологии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 барои коркарди хок таҳия карда шудаанд.

Пешниҳод карда шудааст, ки дандонаи олоти кории ротатсионӣ бояд ду теғаи буранда дошта, шакли минқор (параболашакл) ва тасмаи ростхатта дошта бошад. Асоснок карда шудааст, ки воридшавии оптималии дандона ба хок таҳти кунҷи α=25...30° таъмин карда мешавад. Тағйирёбии кунҷ аз рӯйи баландии сатҳи буранда (сатҳи геометрии корд), мувофиққунонии параболӣ, яъне α = f(z) мувофиқи талаботи баробарии параболӣ амалӣ гашта, шакли теғаи буранда чунин ифода мешавад:

$$y = \frac{x^2}{2a} + kx + b, \qquad (1)$$

дар ин ҷо, b – мушаххасоти парабола, $k = tg(\varphi)$ –зариби кунҷӣ.

Чунин шакли геометрии дандона имконият медиҳад, ки қабати хок навбат ба навбат (давра ба давра) коркард ва энергияи коркард сарфа шавад.

Таҳқиқотҳи мо нишон доданд, ки ҳангоми ҳаракати мутақобили олотҳои кории ротатсионии мошинолоти муштараки КМИС-1,8 бо хок, қабати хок порча-порча коркард шуда, тавассути идоракунии мушаххасотҳои технологӣ таркиби оптималии фраксия мувофиқи талаботҳои агрогтехнологӣ ба даст оварда шавад. Чи тарзе амсилаҳои математикӣ нишон доданд, қабати буридашавандаи хок аз кунҷи

корди олоти корӣ, таносуби суръати даврии корд нисбати суръати ҳаракати пешравии агрегат вобастагии асосӣ дорад.

Дар расми 1 схемаи кории дандонаҳои хокранда тасвир карда шудаанд.



Расми 1. – Схемаи муайянсозии зуддии даврзании олоти корӣ ҳангоми буридани қабати хок

Схемаи мазкурро таҳлил намуда, зуддии даврзании оптималии олоти кориро барои сифатнок резамайдашавии хок муайян кардан мумкин аст. Ҳисобҳои гузаронида мувофиқи қонуни бақои энергия асоснок гардонида шуда, энергияи кинетикии ҳаракатҳои дуруст даврзананда ва пешравандаро нисбати энергияи потенсиалии деформатсияи чандирии қабати буридашавандаи хок мувозина карда шуданд.

Бат М.И. дар китоби худ қайд намуд: «…дар асоси қонуни Гук, қувваи мустаҳкамӣ (чандирии сахт) бо ифодаи зерин муайян карда мешавад:

$$F_x = k x, \qquad (2)$$

дар ин ҷо: *K* — сахтии мавод, Н/м; *X* – қадшавӣ (изгиб), м.

Энергияи потенсиалии маводди деформатсияшуда чунин муайян карда мешавад:

$$W_a = \frac{kx^2}{2}, \qquad (3)$$

Акнун энергияи кинетикиро барои ҳаракати даврзании хокранда муайян менамоем:

$$W_k = \frac{J\omega^2}{2}, \qquad (4)$$

дар ин ҷо: *J* — моменти инерсия нисбати тири даврзанӣ, Н/м^2.

Моменти инерсияи ҷисми сахт нисбати ягон тир аз вазн, шакл ва андозаи ҷисм, инчунин аз мавқеи ҷисм нисбати ҳамин тир вобаста аст. Мувофиқи теоремаи Гюйгенс — Штейнер, моменти инерсияи ҷисм *J*

нисбати тири озод ба ҷамъи моментҳои инерсияи ҳамин ҷисм J_c баробар аст, нисбати тире, ки аз маркази массаи ҷисм мегузараду нисбати тири муоинашаванда мувозӣ (параллел) аст ва ҳосили массаи ҷисм дар масофаи квадратии *d* байни тирҳо ҷойгир мебошад» [12, с. 624]:

$$J = J_{ш} + mr_{у}^{2}, \quad (5)$$

Дар кори мо: «қабати буридашударо дар болои корд (теғ) ҳамчун кура (саҳо) муоина мекунем. Дар ин ҳолат моменти инерсияи кура чунин муайян карда мешавад:

$$J_{ш} = \frac{2mr^2}{5}, \quad (6)$$

дар ин ҷо: *J* - моменти инерсияи кура, Н/м^2; *r* - радиуси қабат дар намуди кура, м:

$$J_{ш} = \frac{2mr^2}{5} cos\,\varphi, \quad (7)$$

дар ин ҷо: m — массаи қабат, кг.

Ифодаи 7-ро дар ифодаи 5 мегузорем:

$$\boldsymbol{J_{ш} = \frac{2mr^2}{5} cos\,\varphi + mr_{y}^{2}} \quad (8)$$

Ин ифодаро дар формулаи 9 гузошта, маълум мекунем:

$$J = \frac{m\omega^2}{2}\left\{\frac{2mr}{5}\cos\varphi + r_y^2\right\} \quad (9)$$

Энергияи кинетикии ҳаракати пешравандаи агрегат:

$$W_{п} = \frac{mv_{п}^{2}}{2}, \quad (10)$$

дар ин ҷо: $v_п$ — суръати ҳаракати агрегат;

m — массаи қабат, кг.

Бо назардошти он, ки энергияи дастовардшавандаи потенсиалӣ ва кинетикӣ дар ҷамъ ба сифр (0) баробаранд» [13, с 98 - 99], он гоҳ:

$$W_{х}=W_{к}+ W_{п} + W_{а} =0 \quad (11)$$

Дар натиҷа, суръати кунҷии хокранда бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\omega = \sqrt{\frac{5(kx^2 - mv_{п}^{2})}{mr^2\cos\varphi + 5r_y^2}} \quad (12)$$

Лаҳзае (вақт), ки дар вақти он нуқтаи А як даври пурраро давр мезанад, муддати даврзанӣ чунин аст:

$$T = \frac{1}{n} \quad (13)$$

дар ин ҷо: *n* – зуддии даврзанӣ, с$^{-1}$.

Зуддии даврзанӣ - ин бузургии баръакс (мутаносиб) нисбати муддати даврзанӣ аст. Он гоҳ формула чунин намуд мегирад:

$$n = \frac{1}{\mathrm{T}} \qquad (14)$$

Ҳамчунин, суръати кунҷиро муайян кардан мумкин аст:

$$\omega = 2\pi n \qquad (15)$$

Дар асоси чунин ҳолатҳо, формулаи ҷамъбастиро барои зуддии даврзании олоти корӣ баровардан мумкин мешавад:

$$n = \frac{\sqrt{\frac{5(kx^2 - mv_n^2)}{mr^2 \cos\varphi + 5r_y^2}}}{2\pi} \qquad (16)$$

Мошинолоти муштараки пешниҳодшавандаи олоти кориаш ротатсионӣ аз ду батареяҳои нисбати якдигар бо тарзи параллел устуворшуда иборат мебошад (расми 2). Батареяи аввал бо суръати камтар дар реҷаи тормоздиҳӣ ва батареяи дуюм бо суръати бештар дар реҷаи андармоншавӣ (буксование) кор карда, самаранок коркардшавии хокро таъмин менамоянд.

Дар мақолаи худ мо қайд намудем: ки «батареяҳо байни ҳамдигар бо интиқолдиҳандаи занҷирӣ васл мебошанд ва таносуби онҳо чунин муайян карда мешавад:

$$\mathrm{i} = \frac{Z_2}{Z_1} = \frac{\mathrm{n}_1}{\mathrm{n}_2} = \frac{\lambda_1}{\lambda_2}, \qquad (17)$$

дар ин ҷо: Z_1 ва Z_2 - шумораи дандонаҳои ситорачаҳое, ки дар меҳвари батареяҳо шинонида шудаанд; n_1 ва n_2- зуддии даврзании батареяҳо; λ_1 ва λ_2 - аҳаммиятнокие, ки бо таносуби суръати даврӣ $\mathrm{v}_{\text{давр1}}$ ва $\mathrm{v}_{\text{давр2}}$ нисбати суръати ҳаракати пешравандаи агрегат $v_{\text{м}}$ муайян карда мешавад» [14, с 107 - 108].



Расми 2 – Кинематикаи батареяҳо бо олотҳои корӣ

Зариби лағжиши табақи тормозшуда:

$$\eta_1 = \frac{V_м t - 2\pi R n_1}{V_м t}. \quad (18)$$

Зариби андармоншавии табақи андармоншудаистод:

$$\eta_2 = \frac{2\pi R n_2 - V_м t}{V_м t}, \quad (19)$$

дар ин ҷо: $V_м t$ – роҳи (масофаи) тайкардаи мошинолот, м.

Таносуби интиқолдиҳанда дар андозаи 0,1 то 1 воқеъ аст. Агар $i \to 0{,}1$ бошад, он гоҳ интиқолдиҳандаи занҷирӣ хеле калону вазнин ва барои истифодашавӣ номуносиб мешавад. Агар $i \to 1{,}0$ бошад, он гоҳ, бинобар сабаби вуҷуд надоштани лағжиш ва андармонӣ, олотҳои корӣ нисбати хок бошиддат таъсир намекунанд ва сифати резамайдашавии хок паст мешавад.

Акнун зарур аст, моҳияти оптималии i муайян карда шавад, чӣ қадаре нишондиҳандаҳои интиқолдиҳандаи ҳаракат ва зарибҳои $\eta_т$ ва $\eta_{бк}$ ба якдигар наздик бошанд, кори молаи ротатсионӣ ҳамон қадар беҳтар мешавад:

$$i \approx \eta_т \approx \eta_{бк} \quad (20)$$

Нишондодҳои болотар баёнгардидаро таҳлил намуда, кори батареяҳоро барои масофаи 100 метр муоина мекунем, ҳамзамон, суръати ҳаракати пешравандаро каму зиёд карда, нисбати зуддии даврзании молаҳои батареяҳо n_1 ва n_2 мазмуни гуногун дода, таносуби интиқоли ҳаракатро муайян месозем. Бо истифода аз ифодаҳои математикии дар боло нишондодашуда, ҳисоби математикии вобастагии зарибҳо, интиқоли ҳаракат ҳангоми зуддии гуногуни даврзанӣ гузаронида шуда, қиматҳои онҳо муайян карда шуд.

Дар ҳолати зуддии даврзанӣ: $n_1 = 17$ ва $n_2 = 41$, нишондоди i, η_1 ва η_2 фарқияти начандон калонро нишон медиҳанд, аз ин лиҳоз, нишондоди миёнаи ин бузургиҳоро муайян менамоем:

$$i \approx \eta_1 \approx \eta_2 \approx \frac{0{,}40 + 0{,}41 + 0{,}44}{3} \approx 0{,}41.$$

Акнун мо метавонем қабул намоем, ки $i \approx 0{,}41$ аст. Барои қиёс ва таҳқиқи кори мола i - интиқолдиҳандаро бо чунин нишондодҳо таҳқиқ намудем: 0,38;0,41; 0,52; 0,81.

Маълум аст, ки λ – таносуби суръати даврӣ $v_{окр}$ нисбати суръати пешравии агрегат $v_м$ аст. Фарз мекунем, ки табақи пеш намелағжад, он гоҳ:

$$\lambda_1 = \frac{v_{окр1}}{V_м} = 1 \quad (21)$$

Дар ин ҳолат, λ_2 табақи дуюм бо формула (17) чунин муайян карда мешавад:

$$\lambda_2 = \frac{\lambda_1}{i} \quad (22)$$

Агар λ_1 ду маротиба зиёд шавад, λ_2 низ ду маротиба зиёд мешавад, он гоҳ:

$$\lambda_1 = \frac{\omega_1 R}{v_м}, \quad (23)$$

ҳангомӣ

$$\omega_1 = \frac{\pi n}{30}, \quad (24)$$

чунин мешавад:

$$\lambda_1 = \frac{\omega_1 R}{v_м} = \frac{\pi \cdot n_1 \cdot R}{30 \cdot v_м} = 1, \quad (25)$$

аз ин хотир:

$$n_1 = \frac{30 \cdot v_м}{\pi \cdot R} \quad (26)$$

дар ин ҷо: λ_1 и λ_2 – мушаххасотҳои кинематикии табақҳо; n_1- шумораи муайянкардашудаи даврзании чархи тормоздиҳанда.

Ҳамин тавр, мо шумораи назариявии даврзании чархи батареяи тормоздиҳандаро муайян намудем. Таносуби шумораи назариявӣ нисбат ба ҳақиқӣ рақамест, ки якчанд маротиба яке нисбати дигаре зиёд аст:

$$Z = \frac{n_{1ф}}{n_1} \quad (27)$$

он гоҳ:

$$n_{1ф} = Z \cdot n_1 \quad (28)$$

дар ин ҷо: $n_{1ф}$ - шумораи ҳақиқии даврзании табақи тормоздиҳанда;

Z - рақаме, ки чанд маротиба n_1 аз $n_{1ф}$ зиёд аст.

Бигзор Z =0,5, он гоҳ:

$$n_{1ф} = 0{,}5 \cdot n_1 \quad (29)$$

ё

$$\lambda_{1ф} = 0{,}5 \cdot \lambda_1 \quad (30)$$

Вақте ки $\lambda_1 = 1$, он гоҳ: $\lambda_{1ф} = 0{,}5 \cdot 1 = 0{,}5$.

Ин нишондодҳоро дар формула (30) гузошта, муайян менамоем:

$$\lambda_{1ф} = \frac{\lambda_{2ф}}{i} = \frac{0{,}5}{\frac{Z_2}{Z_1}} = 0{,}5 \cdot \frac{Z_1}{Z_2} = \frac{0{,}5 \cdot 36}{14} = 1{,}2,$$

дар ин ҷо $\lambda_{1\phi}$ ва $\lambda_{2\phi}$ – мушаххасоти ҳақиқии табақҳо:



Расми 3. – Траекторияи ҳаракати табақҳои тормоздиҳанда ва андармон-шаванда, ки байни якдигар бо интиқолдиҳандаи занҷирӣ алоқамандӣ доранд: 1 - траекторияи ҳаркати табақи тормоздиҳанда, 2-траекторияи ҳаракати табақи андармоншаванда

Сифатнок иҷро шудани коркарди хок дар ҳолате амалӣ мегардад, ки минтақаҳои коркардаи ҳар як дандона якдигарро бурида гузаранд.

Бузургии мушаххасотҳои кинематикии $\lambda_{2\phi}$ табақи молаи ротатсионирo, ки бо моменти расиши траекторияи батареяи дуюм мувофиқат мекунад, муайян менамоем. Барои ин баробарии траекторияи ҳаракати нӯги дандонаҳои батареяи дуюмро чунин қайд менамоем:

$$X_{A2} = \frac{R}{\lambda_{2\phi}}(\omega_2 t) + \cos(\omega_2 t) \quad (31)$$

$$y_{A2} = -R \cdot \sin(\omega_2 t) \quad (32)$$

Бо назардошти вақт t дифференсатсия мекунем:

$$\frac{dX^2}{dt} = \frac{\omega_2 R}{\lambda_{2\phi}} - (\omega_2 t) \cdot \sin(\omega_2 t) \quad (33)$$

$$\frac{dy_2}{dt} = -\omega_2 R \cdot \cos(\omega_2 t) \quad (34)$$

Ифодаҳои 34-ро нисбати 33 таносуб карда, маълум мекунем:

$$\frac{dy}{dt} \cdot \frac{dt}{dx} = \frac{\omega_2 R \cdot \cos(\omega_2 t) \cdot \lambda_{2\phi}}{\omega_2 R - \omega_2 \cdot \lambda_{2\phi} \cdot \sin(\omega_2 t)} \quad (35)$$

Формула (35) қонуниятҳои тағйирёбии кунҷи моилии расишро нисбати траектория нишон медиҳад. Дар нуқтаи расиши траектория хатти расанда $\perp$ нисбати 0X мешавад ва кунҷи додашуда баробар мешавад, ба: $\frac{\pi}{2}$

Барои ҳамин, ифодаи (35) чунин намуд мегирад:

$$\frac{dy}{dx} = \frac{-\lambda_{2\phi}\cdot\cos(\omega_2 t)}{1-\lambda_{2\phi_2}\cdot\sin(\omega_2 t)} = \operatorname{tg}\frac{\pi}{2} \qquad (36)$$

Аз он ки $\operatorname{tg}\frac{\pi}{2} \to \infty$, он гоҳ дар формула (36) махраҷи касрро ба сифр баробар карда, кунҷи гардиши сӯзанро дар ҳолати $\perp$ нисбати 0X муайян кардан мумкин аст:

$$1 - \lambda_{2\phi}\cdot\sin(\omega_2 t) = 0 \qquad (37)$$

аз ин ҷо:

$$\omega_2 t = \arcsin\frac{1}{\lambda_{2\phi}} \qquad (38)$$

Таҳқиқотҳои назариявии иҷрошуда имконият доданд, ки мушаххасотҳои асосии кинематикии молаи ротатсионӣ муносиб карда шаванд.

Молаи таҳқиқшаванда қабати хокро дар чукурии h бурида, мулоим карда, алафҳои бегонаро нобуд месозад. Воридшавии дандонаҳои мола ба хок бо тарзи «аз боло ба поён» амалӣ карда мешавад. Қабати буридашуда тавассути сатҳи кории корд ҷояшро иваз ва бо ин тарз ҳаҷми муайяни хокро дар майдони $S_{авс}$ коркард менамояд. Майдон дар буриш аз боло тавассути хатти *ас* ва аз поён бо циклоида маҳдуд карда мешавад, ки онро нӯги дандона тасвир менамояд (расми 4) ва онро бо интеграл муайян кардан мумкин аст:

$$S_{abc} = \int_{-(R-h)}^{-R}\left[\frac{R}{\lambda_{1\phi}}\arcsin\left(-\frac{Y_1}{R} + \sqrt{R^2 + y_1^2}\right]dy, \qquad (39)$$



Расми 4. – Майдони коркардшуда

Инчунин, аз расми 4 дида мешавад, ки чуқурии миёнаи коркард ба таносуби майдонҳои S_{abc} ва S_n баробар аст:

$$h_{\text{ср}} = \frac{S_{abc}}{S_n} = \frac{S_{abc} \cdot Z_д \cdot \lambda_ф}{2\pi R} \quad (40)$$

дар ин ҷо: $h_{ср}$ – чуқурии миёнаи коркард;

S_{abc} – майдони коркардшуда;

$S_п$ –диҳиш;

$Z_д$ – шумораи дандонаҳои табақ.

Барои таъмин шудани кори дурусти батареяҳо зарур аст, ки самти ҳаракати нӯги дандона ҳангоми буридани қабат мувофиқи моҳияташ бо вектори суръат мувофиқат намояд.

Расми 3 –ро таҳлил намуда, муайян кардан мумкин аст, ки траекторияи нӯги дандонаи молаи батареяи аввал нисбатан кӯтоҳтар аст. Агар дар сатҳи тартибдиҳандаҳои уфуқӣ ва амудӣ суръати мутлақи нӯгҳои дандонаҳои ҳарду батареяҳоро гузорем, муайян мегардад, ки суръати V_1 мувофиқи тири X, бо назардошти мушаххасоти кинематикии <1 ба тарафи пеш равона аст, суръати V_2 дар тири X ба тарафи қафо равона мешавад, агар ҳолати мушаххасоти кинематикӣ аз 1 калон бошад (>1). Дар натиҷаи коркарди хок резамайдашавӣ ва дарозшавии қабати коркардшуда ба амал меояд. Дар ҷараёни кор шарти $\omega t \geq \varphi$ иҷро мешавад.

Ифодаҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, кунҷи байни вектори суръати нӯги дандонаро дар тири OX чунин муайян менамоем:

$$\varphi = 2\pi - arccos \frac{1-\lambda sinarcccos\frac{R-h}{R}}{\sqrt{1+\lambda^2-2\lambda sinarccos\frac{R-h}{R}}} \quad (41)$$

Формулаи мазкурро истифода бурда, муайян карда шуд, ки кунҷи ҳуҷум барои ворид шудани нӯги дандона ба хок 25^0-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод барои сифатнок резамайдашавии хок муносибтарин аст.

Боби сеюми диссертатсия барнома, методикаи таҳқиқотҳо, тасвияти таҷҳизотҳо ва шарту шароитҳои гузаронидани таҷрибаҳои саҳроиро дар бар мегирад.

Таҳқиқотҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар боғи интенсивии Институти зироаткории АИКТ дар шаҳри Ҳисор гузаронида шудаанд (расми 5).

Ҷадвали 1 – Шартҳои озмоиши АМТ ЮТО-Х904+КМИС-1.8

Нишондодҳо	Мазмуни нишондодҳо
Намуди хок	Тирахоки равшан
Намнокии хок (%), дар қабатҳои 0-10см 10-20см,	 14,4 17,8
Сахтии хок (МПа), дар қабатҳои 0-10см 10-20см,	 0,14 0,19
Зичии хок дар қабати 0-10см, г/см^3	0,84
Ҳарорати ҳаво, ºС	30
Намии ҳаво, %	62,0
Суръати шамол, м/с	2,0 – 3,0

Объекти таҳқиқотҳои таҷрибавӣ-саҳроӣ – мошинолоти муштараки КМИС-1,8 дар агрегат бо трактори ЮТО-Х904 барои коркарди хоки байни қатори дарахтони боғҳои интенсивӣ буд.

а) то коркард б) баъди коркард

Расми 5. – Агрегати муштараки ЮТО-Х904+КМИС-1,8 ҳангоми иҷрои кори саҳроӣ

Боби чорум натиҷаҳои таҷриба - озмоишҳои саҳроӣ ва қиёсшавии натиҷаи онҳоро бо нишондодҳои назариявӣ ифода мекунад.

Мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти мутақобили олоти кории ротатсионӣ бо хок омӯхта шуд.

Таҳқиқотҳои озмоишӣ – саҳроӣ дар боғи интенсивии Институти зироаткории АИКТ дар шаҳри Ҳисор, дар хокҳои муқаррарии минтақа, ки намуди тирахоки равшан доранд, гузаронида шуданд. Чунин хокҳои минтақа гумуснокии паст (1-1,5%), масомадории баланд (50-60%), аммо майл (баъди обмонӣ) ба зичшавӣ доранд.

Суръати кории озмоишҳои амалӣ-саҳроӣ 1,9 – 3,3 м/с, бо назардошти таносуби интиқоли ҳаракат 0,34 – 0,93-ро ташкил дода буд. Муайян карда шуда буд, ки самаранокии баландтарини кори мошинолоти КМИС-1,8, интиқолдиҳандаи ҳаракат дар диапазони i=0,38−0,41дастоварда гардид. Бо чунин маънидорӣ нишондодҳои беҳтарин: чуқурии коркард то 18 см, сифати коркард 95% иҷро карда шуданд. Инчунин, маълум гардид, ки барои сифатнок коркард намудани хоки байни қатори дарахтони мевадиҳандаи боғҳои интенсивӣ чунин мушаххасотҳои кинематикии кори батареяҳои ротатсионӣ тавсия мешаванд: кинематикаи кори батареяи аввал $\lambda_1 = 0{,}51 - 0{,}59$ ва батареяи дуюм $\lambda_2 = 1{,}03 - 1{,}18$, радиуси r=0,18 метр, шумораи кордҳо n=6 адад. Чунин реҷаҳо устувории даврзании табақҳои кориро бо устувор кор кардани олотҳои корӣ дар чуқурии додашуда таъмин менамоянд. Масофаи оптималии байни табақҳои ротатсионӣ барои таъмин шудани сифати коркарди хок дар доираи (диапазони) 100…130 мм муайян карда шудааст. Беҳтарин сифати резамайдашавии хок дар ҳолати ҷойгиршавии кунҷи кории корд α=25∘ дастрас гардид.

Барои коркарди натиҷаи маълумотҳои таҷрибавӣ усул ва тарзҳои банақшагирии таҷрибаҳои бисёромила, статистикаи математикӣ, инчунин омилҳои дахолаткунанда ба кори олотҳои кории батареяҳои ротатсионӣ ва сифати коркарди хок ба эътибор гирифта шуда буданд:

- суръати кунҷии даврзании устувонаи хокранда, ω;
- чуқурии коркарди хок, h;
- шумораи кордҳо n дар табақи устувонаи хокранда;
- суръати пешравии хокранда, ϑ;
- муқовимати нисбии кашандагӣ P ҳангоми кори хокранда;
- андозаи миёнаи D хокпораҳо баъди кори хокранда;
- дараҷаи резамайдашвии хок K баъди кори хокранда.

Дар асоси натиҷаи таҷрибаҳо, тафтиши моҳияти коэффитсиентҳо ва мувофиқ будани амсилаи математикӣ баробарии регрессивии муқовимати нисбии кашандагии агрегат дарёфт гардид:

$$Y=7{,}405+0{,}067X_1+0{,}124X_3-0{,}1078X_2^2+0{,}0250X_4^2+0{,}0375X_1X_4, \quad (42)$$

Натиҷаҳои баробарии регрессивиро таҳлил намуда, маълум карда шуд, ки бо зиёд шудани суръати кунҷии ω хокранда, муқовимати нисбии кашандагӣ P зиёд мешавад.



Расми 6. – Графики вобастагии муқовимати нисбии кашандагии нисбӣ P аз суръати кунҷии ω хокранда вобаста аз тағйирёбии суръати агрегат ϑ



Расми 7. – Графики вобастагии муқовимати нисбии кашандагӣ аз суръати ҳаракати агрегат ϑ бо назардошти ивазшавии шумораи кордҳо n дар табақ



Расми 8. – Графики вобастагии муқовимати нисбии кашандагӣ P аз чуқурии коркарди h хок ҳангоми тағйирёбии суръати кунҷӣ ω



Расми 9. – Графики вобастагии муқовимати нисбии кашандагӣ P аз шумораи кордҳо дар устувона ҳангоми тағйирёбии чуқурии коркард h

Аз графикҳо маълум мешавад, ки муқовимати нисбии кашандагӣ P ҳангоми зиёд шудани суръати ҳаракати агрегат (ϑ =1,9 м/с) ва суръати кунҷӣ ω хокранда дар ҳудуди 10…30 рад/сония баланд мешавад. Инчунин, муқовимати нисбӣ P зиёд мешавад, агар шумораи кордҳо кам (n=2 адад) ва суръати пешравии агрегат ϑ дар ҳудуди 1,9-3,3 м/с зиёд шавад.

Дар ҳолати суръати кунҷии хокранда ω=30 рад/с ва чуқурии коркарди хок h дар ҳудуди 100…180 мм будан низ, муқовимтаи нисбии кашандагии P зиёд мешавад.

Тавассути таҷрибаи бисёромила ва тартиб додани регресияи тавсифкунандаи таъсири омилҳои асосӣ (суръати кунҷӣ ω, суръати пешравии агрегат Vp, чуқурии коркард h, шумораи кордҳо дар табақ n) нисбати резамайдашавии хок, амсилаи математикӣ сохта шуд. Муайян карда шуд, ки нисбати андозаи кулӯхпораҳо (фраксияҳои хок) аз ҳама бештар омилҳои чуқурии коркард ва шумораи кордҳо таъсир мебахшанд. Ба дараҷаи резамайдашавии хок аз ҳама бештар омилҳои чуқурии коркард ва суръати кории агрегат таъсири худро расонида метавонанд. Амсилаҳои тартибёфта барои мутобиқ буданашон санҷида шуданд. Онҳоро метавон барои пешгӯйӣ ва интихоби реҷаҳои оптималии кори мошинолот дар шароитҳои гуногун истифода бурд.

Боби панҷуми диссертатсия таҳлилҳои самаранокии иқтисодии мошинолоти пешниҳодшаванда бо назардошти муқоиса бо ҳаммонандҳояш, ки амалиётҳои технологии додашударо алоҳида-алоҳида иҷро менамоянд, бартарии зиёдро нишон дод. Маҳсулнокии намунаи таҷрибавии мошинолоти таҳқиқшуда нисбати агрегатҳои

